Ба Шурои диссертатсионии **6D.КОА-016**-и
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
E-mail: olimov-1976@mail.ru,

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Намозали Субҳиддин дар мавзуи «Самаранокии иқтисодии рушди парандапарварӣ (дар мисоли корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ**

Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи кишоварзӣ масхусан таъмини аҳолии минтақаҳо бо маҳсулоти озуқаворӣ яке аз самтҳои асосӣ ва афзалиятнок мебошад. Зеро он дар татбиқи ҳадафҳои Ҳукумати мамлакат, яъне "Таъмини амнияти озуқаврии кишвар ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат" ва "Коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ" нақши калидӣ мебозад. Аз ин лиҳоз фарогирии илмии мавзуи интихобшуда «Самаранокии иқтисодии рушди парандапарварӣ (дар мисоли корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» мубрам ва саривақтӣ мебошад. Мавриди зикр аст, ки дар айни замон, талабот ба маҳсулоти ватании аз ҷиҳати экологӣ тоза, зарурати рушди низоми истеҳсолоти ватаниро, ки ба талабот ва шароити иқтисоди муосири бозорӣ ҷавобгӯ мебошад, талаб менамояд.

Дар робита ба ин, унвонҷӯ дар автореферат бисёр ба маврид қайд намудааст, ки соҳаи парандапарварӣ ҳамчун як комплекси мукаммал ва бахши муҳимми бозори кишоварзӣ тавсиф мегардад. Барои таъмини шаҳрвандони кишвар бо маҳсулоти муҳимтарини озуқаворӣ, ки арзиши баланди ғизоӣ ва парҳезӣ низ доранд - инҳо гӯшти паранда, тухм ва маҳсулоти тухмӣ мебошанд. Мувофиқи ин соҳа барои истеҳсоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштии паранда, тухм ва маҳсулоти тухмӣ, парвариши зоти мурғ масъул аст. Чи тавре ки дар кор қайд шудааст, хусусияти фарқкунандаи ин навъи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба мавсим вобаста набудан ва давраи кӯтоҳи такроristеҳсолкунӣ доштани он мебошад. Инчунин, хусусияти соҳа дар он аст, ки истеҳсолот ба чунин зотҳои гуногун асос ёфтааст, ки дорои биофунксияҳои фарқкунанда, неруи пурқудрати афзоиши босуръат ва маҳсулнокии баланд, қобилияти

тухмдиҳӣ, сернаслӣ, тез ба воя расидан ва вазни зинда гирифтан, нигоҳдорӣ ва амсоли он мебошад. (саҳ.14).

Тавре маълум аст Ҷумҳурии Тоҷикистон аз захираҳо ва имкониятҳои фарохи таббии бархурдор мебошад. Аз ин хотир, рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини бозорҳои дохилию минтақавӣ бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, метавонад дарояндаи наздик ҷумҳурии моро ба яке аз кишварҳои пешсафи саноатӣ ва содиркунандаи маҳсулоти ватанӣ дар минтақа табдил диҳад. Таҷрибаи давлатҳои дар ин самт рушднамуда, аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди ин соҳа аз пешниҳоди имтиёзҳои давлатӣ вобастагии зиёд дорад. Дар чунин шароит дарёфти механизмҳо ва абзорҳои таъсирбахши молиявӣ барои кишвари мо зарур арзёбӣ мегардад.

Вобаста ба ин муаллиф дар афтореферат барои самарабахшии соҳаи мазкур вазифаҳои зеринро пешниҳод ва ҳал намудааст, ки дар самти рушди минбаъдаи соҳаи парандапарварӣ муҳим арзёби мегарданд:

- равишҳои консептуалӣ ҷиҳати ташаккули низоми усулҳо ва василаҳои баҳодиҳии самаранокӣ, мафҳуми самаранокӣ, ки дар маҷмуъ хусусиятҳои хоси амалкарди парандапарварии саноатиро инъикос менамояд, асоснок карда шудааст;

- равишҳои методӣ оид ба муайян намудани самаранокии иқтисодии рушди парандапарварӣ коркард ва асоснок гардидаанд.

- тамоюлҳои рушди парандапарварии саноатӣ дар ҷумҳурӣ ва бозори маҳсулоти паранда, саҳми соҳа дар беҳтар намудани таъминоти озуқавории аҳолӣ арзёбӣ гардидааст;

- равиши системавӣ зимни баҳодиҳии самаранокии парандапарварӣ, нақш ва аҳамияти системаи механизмҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва техникӣ-технологӣ дар баланд бардоштани самаранокии парандапарварии саноатӣ ва фароҳам овардани шароити кофӣ барои такрористеҳсоли васеъ;

- асосноккунии самтҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии парандапарварӣ ва муайян намудани дурнамои рушди соҳа;

- асосноккунии консепсияи ташкили марказҳои иттилоотӣ- маркетингӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, рақобатпазирӣ ва беҳтар намудани сифати маҳсулоти соҳа.

Бояд қайд намуд, ки маълумотҳо ва таҳлилҳои дар автореферати Шарифзода Н.С., зикргардида қобили дастгирӣ мебошад. Ғайр аз ин дар баробари муваффақиятҳо як чанд камбудӣ низ ҷой дорад, ки иқтидори илмии таҳқиқотро коста намегардонад.

-дар афтореферати мазкур камбудиҳои имлой, дар баъзе маврид нофаҳмо будани калимаҳо ва ҷадвалҳоро вохурдан мумкин аст, ки онҳоислоҳшаванда мебошанд.

-номгӯи осори илмии ба онҳо истинодшаванда дар матни рисола, пойварақҳо ва рӯйхати адабиётҳо ба таври гуногун дода шудаанд. Хубтар мешуд, ки тарзи навишти онҳо яксон карда шавад.

Дар хулоса қайд намудан ба маврид аст, ки ҳангоми таҳлил ва баррасии автореферати диссертатсияи Шарифзода Н. С. дар мавзуи «Самаранокии иқтисодии рушди парандапарварӣ (дар мисоли корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарифзода Намозали Субҳиддин барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ сазовор мебошад.

Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара
доктори илмҳои иқтисодӣ Хайрзода Ш.Қ.

Суроға: 735320, н.Данғара, к. Маркази 25
Тел: +992 (3312)-2-10-34
E-mail: dd_danghara@gmail.com
Веб-сайт: www.dsu.tj

Имзои Хайрзода Ш.Қ.-ро
тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДД Асадуллоева Д.

ШУЪБАИ КАДРҲО